**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

***ТДУ 159.9 (575.3)***
***ТКБ – 88. 2 (2)***
***Ф – 24***

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ФАРИЗАИ ФАЙЗИЗОДА**

# ХУСУСИЯТҲОИ ҶИНСИИ ЗОҲИРШАВИИ УНСУРҲОИ ЛАЁҚАТИ ЗЕҲНӢ ДАР НАВРАСОН

**АФТОРЕФЕРАТИ**
диссератсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи педагогӣ)

**Хуҷанд – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Раҷабзода Насим Мирзохудоӣ** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Назаров Акмал Мардонович** – доктори илмҳои психологӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро. |
| | **Носиров Саъдулло Шукулоевич** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сармутахассиси шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. |

Ҳимояи диссертатсия санаи «22» ноябри соли 2025 соати 10:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-078-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1) баргузор мегардад.

Суроға ва почтаи электронии котиби шурои диссертатсионӣ: zaytmetovk@mail.ru (+992) 929911103.

Бо диссертатсия ва автореферати он тавассути китобхонаи Марказии МДТ китобхонаи илмии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва сомонаи расмии www.hgu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «______» ______________соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои психологӣ, дотсент** **Зайтметов Ҳ.А.**

# Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар замони муосир пешрафти давлат ва ҷомеаро бе намояндагони соҳиби зеҳни рушдкарда ва қобилиятҳои эҷодӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Маҳз истифодаи оқилонаи захираҳои зеҳнию эҷодии кишвар омили муҳимми пешрафти он маҳсуб меёбанд. Таҷрибаи давлатҳои мутараққии ҷаҳон ба ин гувоҳанд. Муайян намудан ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои инкишофи лаёқати зеҳнӣ масъалаи муҳиммест, ки ҳалли босамари он боиси баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимӣ-маърифатии наврасони болаёқат ва татбиқи минбаъдаи лаёқати онҳо дар фаъолиятҳои барои ҷомеа судманд мегардад.

Муҳиммияти таҳқиқотро дар самти мазкур шароитҳои зерин муайян месозанд: аз ҷониби ҷомеаи муосир дарк гаштани он, ки «захираи инсонӣ» замина ва зарфиёти муҳимтарини рушди он аст; босуръат гардидани ҷараёни ҳаёт, зиёд гаштани сарбории ахборотӣ ва эмотсионалӣ ба инсон; муаммоҳои зиёде, ки ҳалли онҳо кӯшиши зиёди зеҳнию эҷодиро талаб мекунад; талаботи ҷомеа ба фаъолияти касбӣ ва шахсияти инсон, ки бояд эҷодкор, фаъол, масъулиятшинос, дорои зеҳни инкишофёфта ва маълумоти баланд дошта бошад.

Таҳқиқ ва омӯзиши махсусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ имконият медиҳад, то раванди таълиму тарбия бо дарназардошти имкониятҳои фардии ҳар як наврас ташкил карда шавад ва барои инкишофи ҳамҷонибаи имкониятҳои зеҳнию эҷодии ӯ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шаванд.

**Сатҳи пажӯҳиши мавзуъ**. Айни замон бисёре аз муаллифон ба он андешаанд, ки лаёқати зеҳнӣ ташкилаи мураккаби таркибӣ аст, ки ба сохтори он ташкилдиҳандаҳои маърифатӣ, эҷодӣ ва шахсӣ дохил мешаванд (К.А. Хеллер[1],

Е.И. Шебланова[2], Д.Б. Богоявленская[3], А.И. Матюшкин[4], Э. Ландау[5], Дж. Рензулли[6] и др.)

Намудҳои зеҳни эҷодӣ, бадеӣ, иҷтимоӣ ва маънавии лаёқатро фарқ мекунанд. Лаёқати зеҳнӣ намуди лаёқат маҳсуб меёбад, ки зимни ташаккул ва рушди дигар намудҳои он баромад мекунад (В.С. Юркевич[7]). Шарти асосии шаклгирӣ ва инкишофи лаёқати зеҳнӣ талаботи маърифатӣ маҳсуб меёбад (В.С. Юркевич[8], Н.С. Лейтес[9]), ки қонеъгардии он ҳамчун фаъолии ҷустуҷӯии маърифатии ба «дарёфт ва кашфи номуайяниҳо, азхуднамоии онҳо» нигаронида шудааст (А.М. Матюшкин[4]).

Ҳавасмандгардонии фаъолии маърифатӣ заминаи маромнокии мусбии наврасони болаёқат ба таълим ва чун натиҷа баланд гаштани маҳсулнокии фаъолияти таълимӣ-маърифатии онҳо мегардад (А.М. Матюшкин[10], В.С. Юркевич[11]).

Дар психологияи русӣ-шуравӣ лаёқат ҳамчун мувофиқати сифатии ба худ хос ва маҳаки ифодаёбии қобилиятҳо баррасӣ мегардад, ки имконияти муваффақ шуданро дар фаъолият таъмин месозад (Б.М. Теплов[12], Н.С. Лейтес[13]). Лаёқат дар фаъолияти мувофиқ зоҳир мегардад, ташаккул ва инкишоф меёбад (Б.М. Теплов[14]. С.Л. Рубинштейн[15]). Барои ин зарур аст, ки фаъолият ба наврас писанд буда, талаботи маърифати ӯро бедор намояд (В.С. Юркевич[11]). Танҳо дар ҳамин ҳолат «фаъолияти маҳсулноки аз вазъият новобаста» ҳамчун зуҳуроти «субъекти аслии фаълият» имконпазир мегардад (Д.Б. Богоявленская[3]).

Масъалаи таҳқиқи махсусиятҳои ҷинсии зуҳуроти лаёқати зеҳнӣ дар таҳқиқоти олимон рус аз қабили Сорокова М.Г.,[16] Ермаков С.С.[17], Шумакова Н.Б.[18], Шебланова Е.И.[2], Бендас Т.В.,[19] Есипенко Е.А.[20] ва ғ. баррасӣ гардидаанд.

Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ, аз қабили Абдураҳмонов Г.Н.,[21] Байзоев А.М.,[22] Ғаниева О.А.[23] ва дигарон ҷанбаҳои гуногуни муосибатҳои гендерӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд, вале таҳқиқоти системаноки психологӣ дар самти муайян намудани махсусиятҳоии ҷинсии зоҳиргардии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ вуҷуд надорад.

Коркарди нокифояи масъалаи хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон мубрамияти таҳқиқи минбаъдаи ин масъаларо инъикос мекунад. Дар рафти таҳлил чунин мухолифатҳо ошкор карда шуданд:

- афзоиши таваҷҷуҳи ҷомеаи илмӣ ва амалӣ ба масъалаи рушди лаёқати зеҳнӣ дар наврасон ва нокифоя будани таҳқиқоти мукаммалу амиқ дар самти ошкорсозии хусусиятҳои ҷинсии ин раванд;
- муҳими равшан кардани фарқиятҳои ҷинсӣ дар сатҳ ва тарзи инкишофи унсурҳои лаёқати зеҳнӣ ва набудани дастурҳо ва дастовардҳои илмии кифоя барои ба эътибор гирифтани ин хусусиятҳо дар раванди таълим ва тарбия;
- таваҷҷуҳи афзоянда ба масъалаи баробарҳуқуқии ҷинсӣ дар соҳаи маориф ва ҳамзамон камравшан будани тарафҳои психологии фарқиятҳои ҷинсӣ дар зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ;
- эҳтиёҷи рӯзафзуни низоми таълим ба маълумоти дақиқу боэътимод оид ба хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсии инкишофи лаёқати зеҳнӣ ва норасоии таҳқиқоти татбиқӣ дар шароити таълими муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- номуайянӣ ва ихтилофи маълумоти мавҷуда дар бораи вижагиҳои зоҳиршавии қобилиятҳои маърифатӣ дар писарон ва духтарон дар марҳалаи наврасӣ;

- зарурати таҳияи усулҳои боэътимоди ташхис ва мониторинги сатҳи рушди лаёқати зеҳнӣ бо ба назар гирифтани хусусиятҳои ҷинсӣ ва мавҷуд набудани чунин меъёрҳо ва методикаҳои стандартизатсияшуда;
- набудани барномаҳои махсуси таълимию тарбиявӣ, ки рушди лаёқати зеҳниро бо назардошти хусусиятҳои ҷинсии наврасон ҳадафнок ба роҳ мемонанд;
- маҳдудияти омӯзиш ва татбиқи таҷрибаи байналмилалӣ дар самти равшан кардани фарқиятҳои ҷинсӣ дар зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар муҳити таълимии Тоҷикистон.

Ин мухолифатҳо зарурати омӯзиши амиқ ва таҳияи дастурҳои илмӣ-амалии асоснокро ҷиҳати равшан кардани хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон тақозо мекунанд. Дар масъалаи хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии лаёқатҳои зеҳнӣ то ҳол иттифоқи назар вуҷуд надорад. Ихтилофи назарҳо аз як тараф бо гуногунрангии усулҳо ва равишҳои тадқиқотӣ ва аз ҷониби дигар бо омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва идеологӣ вобастагӣ доранд. Ниёз ба таҳқиқоти амиқ, байнифаннӣ ва холисонаи ин масъала то ҳол боқӣ мондааст, то муайян гардад, ки то кадом андоза омилҳои биологӣ ва то кадом андоза шароити муҳитӣ ба шаклгирии лаёқатҳои зеҳнӣ таъсир мерасонанд.

Ҳамин тариқ, ихтилоф миёни талаботи рӯзафзуни ҷомеа ба таҳсилоти дунявӣ ва босифат, ки зимни баэътиборгирии хусусиятҳои гендерӣ ва синусолии хонандагон имконпазир мегардад ва мавҷуд набудани таҳқиқоти мувофиқ дар самти муайян намудани махсусиятҳои гендерии инкишофи лаёқати зеҳнӣ дар мисоли таҳқиқоти ватанӣ бо дарназардошти хусусиятҳои миллию фарҳангии инкишофи лаёқати зеҳнӣ зарурияти интихоби мавзуи таҳқиқотиро тахти унвони **«Хусусиятҳои**

**ҷинсии зоҳиргардии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон»** ба миён овард.

**Робитаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо барномаҳо (лоиҳаҳо ва мавзуъҳои илмӣ).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти унвони "Шахс ва муносибатҳои байнишахсӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон" иҷро шудааст.

## ТАФСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Робитаи кор бо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар чорчубаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои психологии рушди ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ равона шудаанд, таҳия ва иҷро гардидааст.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқотро ташхис ва муайян намудани хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсии зоҳиргардии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар маводи таҳқиқотии ватанӣ ташкил медиҳад.

Барои дар амал татбиқ намудани мақсади мазкур дар назди таҳқиқот **вазифаҳои** зерин гузошта шуданд:

- таҳлили адабиёти марбута ҷиҳати муайян намудани мафҳуми кории лаёқат, муқаррар намудани сохтори психологӣ ва ҷузъҳои таркибии он;
- коркарди барномаи ташхисӣ ҷиҳати муайян намудани дараҷаи инкишофи лаёқати зеҳнӣ дар наврасон;
- ташхис ва муайяннамоии алоқамандӣ ва таъсироти мутақобили унсурҳои лаёқати зеҳнӣ;
- муайян намудани махсусиятҳои ҷинсии зоҳиргардии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон;
- ошкор намудани таъсири омилҳои синнусолӣ ва ҷинсӣ дар зоҳиргардии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ;

- коркарди тавсияҳо зимни натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати ба роҳ мондани раванди таълими хонандагон бо дарназардошти хусусиятҳои ҷинсии зоҳиргардии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Хонандагони синни миёнаи мактабӣ.

**Мавзу (предмет)-и таҳқиқот.** Хусусиятҳои ҷинсии инкишофи унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар синни наврасӣ.

**Фарзияҳои таҳқиқот:**

- зуҳуроти лаёқати зеҳнӣ ва унсурҳои он хусусияти ҷинсӣ ва синнусолӣ дошта, дар намояндагони ҷинсҳои гуногун ба таври мухталиф зоҳир мегардад;

- дараҷаи инкишофи креативнокӣ (эҷодкорӣ) аз маромнокии таълимии наврасон вобастааст.

- лаёқати зеҳнӣ зуҳуроти статикӣ (беҳаракат) набуда, тули ҳаёт рушд мекунал.

**Марҳилаҳо, макон ва давраи таҳқиқот**. Таҳқиқоти озмоишӣ таи панҷ сол (аз соли 2018 то соли 2023) дар заминаи гимназияи №2-и шаҳри Душанбе барои бачаҳои болаёқат ба роҳ монда шуда, дар се марҳилаи зерин амалӣ гардид:

***Марҳилаи якум*** (солҳои 2018-2020) ба омӯзиши назариявии проблемаи таҳқиқотӣ, таҳлили адабиёти илмии марбути мавзуи таҳқиқотӣ бахшида шуда, мафҳумҳои заминавии корӣ дақиқ гардиданд. Ҳамчунин дар марҳилаи мазкур доираи гурӯҳчинии таҳқиқотӣ муайян гардид, ки онро хонандагони синфҳои аз 5 то 9-уми (наврасони12-13 то 15-16 сола) гимназияи №2-и шаҳри Душанбе барои бачаҳои болаёқат ташкил доданд. Дар маҷмӯъ дар озмоиши муқарраркунандаи мо 129 нафар хонанда ширкат намуд.

Дар ***марҳилаи дуюм*** *(солҳои 2020-2021)* мувофиқ ба сохтори қабулнамудаи лаёқати зеҳнӣ барномаи ташхисӣ коркард карда шуда, дар амал татбиқ гардонида шуд. Ҳадаф

аз марҳилаи мазкур муайян намудани дараҷаи инкишофи лаёқати зеҳнӣ дар хонандагони синни миёнаи мактабӣ дар маҷмӯъ ва ташкилдиҳандаҳои он дар алоҳидагӣ ва ҳамчунин ошкор сохтани тафовутҳои гендерӣ дар инкишоф ва зоҳиргардии лаёқати зеҳнӣ ва ташкилаҳои он мебошад.

Дар ***марҳилаи сеюм*** *(солҳои 2021-2023)* тавассути методҳои коркарди оморӣ маълумоти бадастомада коркард ва таҳлилу баррасӣ гардида, зимни он хулосаҳо ва тавсияҳо пешниҳод гардиданд ва таҳқиқот дар шакли диссертатсия бандубаст гардид.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Асосҳои **назариявии** таҳқиқотро асарҳо ва пажӯҳишҳои психологҳои хориҷа (Ҷ. Рензулли Ҷ, П. Торренс, Ҷ. Гилфорд, Э. Ландау ва диг.), русӣ-шӯравӣ (В.В. Давидов, А.Н. Леонтев, С.Л. Рубинштейн, Б.М. Теплов, Н.С Лейтес, В.С. Юркевич, Д.Б. Богоявленская ва диг.) ва ватанӣ (Р. Атахонов, Н.Қ. Амонов, Г.Н. Абдураҳмонов ва диг.) оид ба лаёқати зеҳнӣ ва унсурҳои он ташкил додаанд.

**Асосҳои методологии** таҳқиқотро маҷмуи методҳои *назариявӣ* (таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ аз рӯйи масъалаи тадқиқот), тестҳо (*барои ташхиси ҷузъи зеҳнӣ*тести «Душвориҳои афзуншавандаи Равен» (Ҷ. Равен), методикаи "АРП" (Р. Атахонов), барои муайян намудани ҷузъи эҷодкорӣ (креативнокӣ) шакли тасвирии тести Торренс (П. Торренс) ва барои ташхиси ҷузъи маромӣ методикаи "Ташхиси талаботи маърифатӣ" (В.С. Юркевич), ва методҳои коркарди натиҷаҳои тадқиқот (критерияи омории $\chi^2$ ва U-критерияи Ман-Уитни) ташкил доданд.

**Сарчашмаҳои тадқиқот:**

- раҳёфти системавӣ-фаъолиятӣ (В. В. Давидов, А. Н. Леонтев, В.Н. Шадриков ва диг);
- корҳои тадқиқотчиёни ватанию рус (Амонов Н.К., Атахонов Р., Ю. Д. Бабаева, Д. Б. Богоявленская, Н. С.

Лейтес, А. М. Матюшкин, В.И. Панов, С. Л. Рубинштейн, А. И. Савенков, Б. М. Теплов, М.А. Холодная, В. Э. Чудновский, Н. И. Чуприкова, В. Д. Шадриков, Н. Б. Шумакова, Е.И. Шебланова, В. С. Юркевич ва диг.) ва хориҷӣ (Ҷ. Гилфорд, Э. Ландау, Ҷ. Рензулли, П. Торренс, Ҷ. Фримен, К. Хеллер ва диг.), корҳои олимони рус ва ватанӣ, ки ба хусусиятҳои гендерии истеъдоди зеҳнӣ бахшида шудаанд (Сорокова М.Г., Ермаков С.С., Агеев В.С., Шумакова Н.Б., Шебланова Е.И., Бендас Т.В., Берн М.Ш. Есипенко Е.А., Ходанович М.Ю, Э. Гидденс, А. Кирилина, С.Г. Айвазова, Р. Столлер, А. Байзоев, С. Бем ва диг.), ки ба масъалаи лаёқат марбутанд.

**Заминаи эмпирикии таҳқиқотро** амалкарди мустақими муаллифи рисолаи диссертатсионӣ нисбат ба объекти таҳқиқот ташкил медиҳад, ки он омӯзиши адабиёти илмӣ ва методии марбут ба мавзуъ, гузаронидани корҳои таҷрибавӣ бо истифода аз маҷмӯи усулҳои гуногун, ташкил ва татбиқи озмоиши ташхисӣ, инчунин таҳлил ва баррасии маълумоти бадастомада аз ин озмоишҳоро дар бар мегирад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Пойгоҳи таҳқиқоти мазкурро гимназияи №2-и шаҳри Душанбе барои бачаҳои болаёқат ташкил дод. Дар таҳқиқот 129 нафар хонандагони синфҳои аз 5 то 9-уми (наврасони12-13 то 15-16 сола) ширкат намуданд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар муқаррароти зерин ифода ёфтанд:

- бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон мавриди таҳқиқи комплексӣ ва назариявию амалӣ қарор дода шуд;
- исбот гардид, ки зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ хусусиятҳои ҷинсиро доро мебошад ва байни духтарон ва

писарон дар сатҳ ва тарзи зоҳиршавии қобилиятҳои маърифатӣ фарқиятҳои муайян ба мушоҳида мерасанд;

- муайян карда шуд, ки давраи барвақтии наврасӣ барои рушди лаёқати зеҳнӣ ва ташаккули унсурҳои он муҳити мусоид фароҳам меорад ва маҳз дар ин марҳала фарқиятҳои ҷинсӣ бештар равшан зоҳир мегарданд;

- дар натиҷаи таҳқиқот тасдиқ гардид, ки унсурҳои таркибии лаёқати зеҳнӣ (тафаккури мантиқӣ, хотира, тафаккури эҷодӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳо) дар робитаи мутақобила қарор доранд ва рушди яке аз онҳо ба рушди дигарашон мусоидат мекунад;

- маълум гардид, ки дараҷаи инкишофи креативнокӣ (эҷодкорӣ) дар наврасон аз муҳити таълимӣ, мазмуни барномаҳои таълимӣ ва омилҳои иҷтимоӣ вобастагии зич дорад;

- асоснок карда шуд, ки лаёқати зеҳнӣ хусусияти статикӣ надошта, дар тӯли ҳаёти фард зина ба зина ташаккул ва инкишоф меёбад, ки ин раванд аз омилҳои ҷинсӣ, муҳити иҷтимоӣ ва хусусиятҳои инфиродии шахсият вобаста аст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мегарданд:

- дар давраи синни барвақти наврасӣ дар духтарбачаҳо нисбат ба писарбачаҳо унсурҳои лаёқати зеҳнӣ пешрафтатар ҳастанд. Вале ин фарқият аз синф ба синф тадриҷан аз миён рафта, дар синфҳои болоӣ миёни намояндагони ҷинсҳои мухталиф баробар мегарданд.

- вобаста аз синнусол ташаккули унсурҳои лаёқати зеҳнӣ ба таври номутаносиб инкишоф меёбанд: унсури зеҳнии лаёқати ақлӣ аз синф ба синф инкишф меёбад, вале унсури маромӣ ва эҷодӣ дар синфҳои болоӣ паст мегарданд.

- инкишофи унсури эҷодии лаёқати ақлӣ аз дараҷаи инкишофи мароми таълимӣ вобастааст: дар наврасоне, ки

дар онҳо мароми ботинӣ ба таълим инкишофёфтааст, унсури эҷодӣ низ инкишофёфтааст ва баръакс.

- динамикаи инкишофи унсурҳои таркибии лаёқати зеҳнӣ дар намояндагони ҷинсҳои гуногун ба таври мухталиф сурат мегирад: дар писарбачаҳо он бонизом ва тадриҷӣ буда, дар духтарон номураттаб ва ҷаҳишӣ аст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар муайян намудани хусусиятҳои ҷинсӣ ва синнусолии зоҳиргардии унсурҳои таркибии лаёқати зеҳнӣ, алоқамандии қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодкорӣ аз талаботи маърифатӣ дар давраи наврасӣ ифода меёбад, ки метавонад барои ташкили босамари раванди муайяннамоӣ ва таълими наврасони болаёқат истифода гардад. Ҳамзамон натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҷиҳати таҳияи барномаҳои таълимӣ, чорабиниҳои гуногуни ба ташаккул ва рушди зарфиёти зеҳнӣ ва эҷодии наврасон равонабуда, босамар истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро** асосҳои методологии мавқеъҳои заминавии тадқиқот, истифодаи маҷмӯи методҳои илмии тадқиқотӣ назариявӣ ва амалӣ, ки ба табиати зуҳуроти омӯхташаванда мувофиқанд, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, азнавҳосилшаванда ва эътимоднок будани натиҷаҳои бадастомада, таҳлили сифатӣ ва миқдории онҳо, истифодаи методҳои оморӣ ҳангоми коркарди натиҷаҳои тадқиқот таъмин намуданд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба шиносномаи илмии ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ ва соҳаҳои зерини таҳқиқоти он мувофиқат мекунад:

1. Психологияи хонанда дар зинаҳои гуногуни таҳсилот (томактабӣ, мактабӣ, мактаби олӣ), рушди шахсиятӣ ва психологии ӯ.
2. Психологияи муҳити таълимӣ.

3. Психологияи фаъолияти таълимӣ, омӯзиш.

4. Хусусиятҳои психологии хонандагон ҳамчун субъектҳои фаъолияти таълимӣ

**Саҳми шахсии довталаб** аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, муайян намудани объект ва масъалаи тадқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами тадқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда мебошанд. Ҳолатҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натиҷаи тадқиқоти мустақилонаи унвонҷӯй маҳсуб мегарданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот, дар кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва конференсияву семинарҳои илмӣ-амалӣ муҳокима гардиданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар умум 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 7 зерфасл, хулосаи умумӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст. Мундариҷаи диссертатсия дар 180 саҳифа баён шудааст. Матни диссертатсия 23 ҷадвал ва 5 расмро дар бар мегирад.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуъ, сатҳи пажӯҳиши илмии он таҳлил карда шуда, объекту предмети тадқиқот, мақсад ва вазифаҳои асосии он муайян гардида, тавсифи асосҳои илмиву методологӣ, заминаи сарчашмашиносӣ оварда шуда, шарҳу тавзеҳи арзиши илмиву амалии кори

диссертатсионӣ, баёни навгонии илмӣ, инчунин муҳтавои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда арзёбӣ гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Ҷанбаҳои назариявию методологии зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ дар давраи наврасӣ»** аз чор зерфасл иборат буда, он ба таҳлили адабиёти илмӣ бахшида шудааст. Маводи омӯхташуда заминаи назариявӣ-методологии тадқиқоти амалиро ташкил доданд.

Дар зерфасли аввали боби якум **“Аз таърихи таҳқиқи масъалаи лаёқати зеҳнӣ”** ба таври муфассал таърихи рушди мафҳум оид ба лаёқати ақлӣ, фаҳмиши лаёқати ақлӣ аз назари муҳаққиқон ва мактабҳои таҳқиқотии гуногун, тасаввуроти муосир доир ба лаёқати ақлӣ ва ташкилдиҳандаҳои он баррасӣ гардида, мафҳуми кории лаёқати ақлӣ пешниҳод мегардад. Таъкид мегардад, ки то ҳанӯз ҳадди аниқу равшан миёни мафҳуми «лаёқат» ва чунин мафҳумҳо ба монанди «қобилият», «истеъдод» ва «гениалӣ» вуҷуд надоранд ва дар аксари адабиёт онҳо ҳамчун муродиф истифода мегарданд, ки имкони таҳқиқи онро душвор мегардонад. Масалан, дар психологияи русӣ-шуравӣ (С.Л. Рубинштейн, Б.М. Теплов, Н.С. Лейтес, Э.А. Голубева) ба таври анъанавӣ масъалаи лаёқатро дар доираи таълимот оид ба қобилиятҳо мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Он ҳамчун зуҳурот ва инкишофи қобилиятҳои умумӣ ва хусусӣ фаҳмида мешавад.

Дар таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ (Э. Ландау, Ҷ. Рензулли, Ҳ. Гарднер, Ҷ. Гилфорд ва диг.) бештар ба маҳсули лаёқати ақлӣ диққат дода, эҷодкорӣ (креативнокӣ)-ро унсури таркибии он медонанд. Масалан, дар амсилаи маъмули психологи амрикоӣ Ҷ. Рензулли се қисмати таркибии лаёқати ақлӣ – қобилиятҳои ақлӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва маромнокии ботинӣ ба фаъолият ҷудо карда мешавад.

Бо дарназардошти таҳлили боло муаллиф лаёқатро ҳамчун ташкилаи мураккаби таркибӣ баррасӣ менамояд, ки сохтори психологии он дар баробари ташкилдиҳандаҳои маърифатӣ (зеҳн, тафаккур) инчунин эҷодкорӣ (креативнокӣ) ва сифатҳои иҷтимоию шахсии наврасро фаро мегирад.

Дар зерфасли дуюми боби аввал "**Вазъи кунунии таҳқиқу омӯзиши масъалаи лаёқати зеҳнӣ**" рушди масъалаи лаёқати ақлӣ дар доираи раҳёфтҳо ва назарияҳои гуногуни илмии муосир таҳқиқу баррасӣ гаштааст. Зимни таҳлили сарчашмаҳои гуногун муаллиф раҳёфтҳои зеринро ба масъалаи лаёқати ақлӣ ба се равиши асосӣ ҷудо мекунад: консепсияи табиати ирсӣ доштани қобилиятҳо, ки тибқи он, қобилиятҳо ҳамчун хусусиятҳои биологии инсон баррасӣ мегарданд, ки рушди онҳо бештар аз омилҳои ирсӣ ва генетикӣ вобаста мебошад; консепсияи муҳитӣ будани қобилиятҳо, ки бар пояи он қобилиятҳо ба сифати маҳсули таъсири муҳити беруна ва натиҷаи тарбия арзёбӣ мегарданд; консепсияи фаъолиятӣ ва иҷтимоии қобилиятҳо, ки мувофиқи он қобилиятҳо дар раванди фаъолият ва дар заминаи муҳити иҷтимоии мусоид ташаккул меёбанд.

Бо дарназардошти таҳлили боло муаллиф лаёқатро ҳамчун ташкилаи мураккаби таркибӣ баррасӣ менамояд, ки сохтори психологии он дар баробари ташкилдиҳандаҳои маърифатӣ (зеҳн, тафаккур) инчунин эҷодкорӣ (креативнокӣ) ва сифатҳои иҷтимоию шахсии наврасро фаро мегирад.

Дар зерфасли сеюми боби аввал "**Ҷанбаҳои амалӣ ва назариявии ошкорнамоии наврасони болаёқат**" дар заминаи таҳлили амиқи раванди ошкорнамоии кӯдкони болаёқат дар адабиёти марбутаи психологӣ ва педагогӣ заминаҳои амалӣ ва назариявии муайяннамоии зарфиёти зеҳнӣ ва эҷодии наврасон асоснок гардида, маълумоти

бадастомада барои ташкили раванди озмоиш ҷиҳати ошкорнамоии лаёқати зеҳнӣ дар давраи наврасӣ истифода мегардад.

Дар заминаи омӯзишу баррасии сарчашмаҳои боэътимод муаллиф принсипҳои асосии ҷудонамоии наврасони дорои лаёқати зеҳниро асоснок мекунад, ки муҳимтаринашон инҳоянд: хусусияти маҷмӯии арзёбии тарафҳои гуногуни рафтор ва фаъолияти наврас; дарозмуддат будани раванди ташхис; таҳлили рафтори наврас дар он соҳаҳои фаъолият, ки ба ҳадди аксар ба майлу рағбатҳои ӯ мувофиқанд; истифодаи машғулиятҳои тренингӣ дар раванди ташхис; ба раванди арзёбии наврас болаёқат ворид сохтани коршиносҳо – мутахассисони баландпоя аз соҳаи мувофиқи фаъолият.

Дар зерфасли чоруми боби мазкур “**Хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсии (гендерии) зоҳиргардии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ**” ба таври амиқ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, диққати бештар ба рушди қобилиятҳои маърифатӣ ва зеҳн дода мешавад. Хусусияти хоси давраи мазкур ташккули тафаккури калимагӣ- мантиқӣ ва афзалияти хотираи маъногӣ нисбат ба хотираи механикӣ мебошад.Таъкид мегардад, ки рушди зеҳни наврас дар давраи мазкур ба навташкилаи асосӣ – инкишофи рефлексия марбут мебошад, ки дар дарки фардияти худ, бавуҷуд омадани нақшаҳои ҳаётӣ, омодагӣ ба худмуайяннамоӣ, шуурона ба нақша гирифтани ҳаёти хеш, тадриҷан ворид гаштан ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ифода меёбад.

Дар зерфасли мазкур инчунин ба таври амиқ масъалаи гендер ва ташаккули тасаввурот оид ба фарқиятҳои ҷинсӣ пайгирӣ гашта, хусусиятҳои психологии он баррасӣ мегардад. Ҳамзамон масъалаи гендер аз назари муҳаққиқони ватанӣ ва русиву хориҷа А. Байзоев (Э.

Гидденс, А. Кирилина, С.Г. Айвазова, Р. Столлер, , С. Бем ва диг.) мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Таъкид мегардад, ки таҳқиқоти гендерӣ таърихи на он қадар тулонӣ дошта, дар зинаҳои ибтидоӣ хусусияти иҷтимоӣ-сиёсиро соҳиб буд. Минбаъд он тамоми соҳаҳои илмро фаро гирифта, дар психология низ паҳн гардид. Илми психология ғолибан фарқи миёни зоҳиргардии психикаи ҷинси мардона ва занонаро меомӯзад.

Дар ин зерфасл, инчунин таҳлилу баррасии хусусиятҳои гендерии ташакули умуман қобилиятҳои маърифатӣ ва аз он ҷумла лаёқати зеҳнӣ ва ташкилаҳои он амалӣ мегардад. Таъкид мегардад, ки дар таҳқиқоти мазкур гендер гуфта, тамоми зуҳуроти рафторие дар назар дошта мешавад, ки ба писарон (мардҳо) ва духтарон (занҳо) ҳамчун барандагони меъёрҳо ва мақсадгузориҳои иҷоимоӣ-фарҳангӣ хосанд. Ҳамзамон, мардҳо ва занҳо метавонанд аз рӯйи хусусиятҳои психофизиологӣ низ фарқ кунанд, вале ҷинсияти биологӣ на ҳамеша ба нақшҳои иҷтимоӣ, ки ҷамъият ба одамон муқаррар мекунад, марбут аст.

Дар таҳқиқотҳои Н. Л. Горбачевская (хотираи шунавоӣ-нутқӣ), О. Ю. Ермолаев (диққатнокӣ), С. В. Зверева (зеҳни шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ), Е. Е. Маккоби (қобилияти фазогӣ), Н.И. Роговская (худдории эмотсионалӣ ва муошират) ва дигарон фарқиятҳои гендерӣ миёни духтарон ва писарон собит карда шудаанд. Дар маҷмӯъ, дар таҳқиқоти болозикр фарқиятҳои гендерӣ дар самтҳои зерин муайян гардиданд: суръат ва воситаҳои коркарди иттилоот; ташкили диққат; шаклҳои фаъолгардонии эмотсияҳо; мароми фаъолият ва баҳогузории дастовардҳо; дар рафтор.

Боби дуюми диссертатсия **“Омӯзиши таҷрибавӣ-озмоишии хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ дар наврасон”** ба ташхиси ташкилдиҳандаҳои лёқати

зеҳнӣ дар хонандагони синни миёнаи мактабӣ бахшида шудааст.

**Мақсади** таҳқиқоти озмоишии мо ташхиси ташкилдиҳандаҳои лаёқати зеҳнӣ дар хонандгони синни миёнаи мактабӣ ва муқоисаи онҳо дар намояндагони ҷинсҳои гуногун ва дар ин зимн ошкор сохтани тафовутҳои гендерӣ дар рушди нишондҳандаҳои лаёқати зеҳнӣ буд.

Дар таҳқиқот методҳои зерин истифода гардиданд: озмоиши муқараркунанда, тестҳо, методҳои коркарди омории ахбори бадастомада.

Таҳқиқоти озмоишӣ таи се сол (аз соли 2019 то соли 2021) дар заминаи гимназияи №2-и шаҳри Душанбе барои бачаҳои болаёқат ба роҳ монда шуда, се давраро фаро мегирад.

Дар ***давраи аввал*** омӯзиши назариявии проблемаи таҳқиқотӣ, таҳлили адабиёти илмии марбут мавзуи таҳқиқотӣ ба роҳ монда шуда, мафҳумҳои заминавии корӣ дақиқ гардиданд. Ҳамчунин, дар давраи мазкур гурӯҳчинии таҳқиқотӣ муайян гардид, ки онро хонандагони синфҳои аз 5 то 9-уми (наврасони12-13 то 15-16 сола) Гимназияи №2-и шаҳри Душанбе барои бачаҳои болаёқат ташкил доданд. Дар маҷмӯъ дар озмоиши мукрарраркунандаи мо 126 нафар хонанда ширкат намуд.

Дар ***давраи дуввум*** мувофиқ ба сохтори қабулнамудаи лаёқати зеҳнӣ барномаи ташхисӣ коркард карда шуда, дар амал татбиқ гардонида шуд. Ҳадаф аз давраи мазкур муайян намудани дараҷаи инкишофи лаёқати зеҳнӣ дар хонандагони синни миёнаи мактабӣ дар маҷмӯъ ва ташкилдиҳандаҳои он дар алоҳидагӣ ва ҳамчунин ошкор сохтани тафовутҳои гендерӣ дар инкишоф ва зоҳиргардии лаёқати зеҳнӣ ва ташкилаҳои он мебошад.

Дар ***давраи сеюм*** тавассути методҳои коркарди оморӣ маълумоти бадастомада коркард ва таҳлилу баррасӣ

гардида, зимни он хулосаҳо ва тавсияҳо пешниҳод гардиданд.

Барои ташхиси лаёқати зеҳнӣ ва ташкилдиҳандаҳои он барномаи махсуси ташхисӣ коркард гардид, ки методикаҳои зерини ташхисиро фаро мегирад: Методи «Душвориҳои афзуншавандаи Равен» (Ҷ. Равен); шакли фигуравии Методикаи Торенс (П. Торенс); Методикаи АПР (Р. Атахонов); методи «Муайян намудани мавҷудияти талаботи маърифатӣ» (В.С. Юркевич) ва методи коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот (меъёри омории $\chi^2$ –и Пирсон ва U-меъёри Манн-Уитни).

Дар зерфасли аввали боби мазкур таҳти унвони "**Меъёрҳо ва аломатҳои лаёқати зеҳнӣ**" зимни таҳлили назари муҳаққиқони гуногуни соҳа намудҳои гуногуни лаёқатмандии наврас ҷудо карда мешавад, ки муҳимтаринашон инҳоянд: лаёқати зеҳнӣ, лаёқати академикӣ, лаёқати эҷодӣ, лаёқати бадеӣ, лаёқати психомоторӣ, лаёқати сарварӣ мебошанд. Ҳар яке аз ин намудҳои лаёқат меъёрҳо ва аломатҳои худро соҳибанд. Таҳлили сарчашмаҳои марбута собит месозанд, ки атрофи лаёқати зеҳнӣ ва меъёру аломатҳои он андешаҳо гуногунанд. Дар кори мазкур назарияи психологи амрикоӣ Ҷ. Рензулли ба асос гирифта шудааст, ки се меъёри асосии лаёқати зеҳниро ҷудо мекунад: қобилиятҳои зеҳнӣ, эҷодкорӣ ва мароми ботинӣ ба таълим. Зимни таҳлили амиқи сарчашмаҳои марбута (Д.Б. Богоявленская, Н.С. Лейтес, Ҷ. Рензулли, М.А. Холодная ва диг.) хулоса карда мешавад, ки лаёқати зеҳнӣ сохтори мураккаб дошта, ҷузъҳои асосии таркибии онро *зеҳн, эҷодкорӣ ва талаботи маърифатӣ* ташкил медиҳанд. Давраҳои зерини раванди муайяннамоийи унсурҳои асосии лаёқати зеҳниро ҷудо мекунанд (А.И. Савенков): *зинаи назариявӣ, зинаи ташкилӣ, зинаи ҷустуҷӯи пешакӣ, зинаи баҳогузорӣ ва зинаи методӣ*.

Зерфасли дуюми боби мазкур – «**Асоснокнамойии барномаи ташхисӣ ҷиҳати муайян намудани хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон**” ба тавсифи барнома ва методикаҳои ташхисӣ бахшида шудааст. Дар зерфасли мазкур амсилаҳои гуногуни ташкили раванди муайяннамоии лаёқати зеҳнии наврасон таҳлилу баррасӣ мегарданд. Зимни таҳлили адабиёти марбута талаботҳои асосӣ ба ташкили раванди ташхис ва муайяннамоии наврасони дорои лаёқати зеҳнӣ таҳия гардиданд, ки асоси барномаи ташхисиро ташкил доданд. Барномаи ташхисӣ дар ҷадвали зерин инъикос ёфтааст.

**Ҷадвали 1**

**Тавсифи барномаи ташхисии таҳқиқи зуҳуроти лаёқати зеҳнӣ дар хонандагони синни миёнаи мактабӣ (наврасони 12-13 то 15-16 сола)**

| **Ташкилдиҳандаи лаёқати зеҳнӣ** | **Нишондиҳандаҳои асосӣ** | **Методика** |
|---|---|---|
| Қобилиятҳои зеҳнӣ (интеллек-туалӣ) | - қобилият ба таф-риқанамоии мунтазам ва муҳокимаронӣ зимни алоқамандиҳои бай-ниҳамӣ;<br>- қобилият ба му-шоҳидакории дина-микӣ, ва пайгирӣ наму-дани тағйироти мунта-зам, бодиққатӣ ва хаёлоти динамикӣ, қобилият ба тасаввур-намоӣ;<br>- қобилияти дарки тағйироти сифатӣ ва миқдорӣ дар тартиби фигураҳо; | Тести «Душво-риҳои афзунша-вандаи Равен» (Ҷ. Равен)<br>Тести «Душво-риҳои афзунша-вандаи Равен» (Ҷ. Равен)<br>Тести «Душво-риҳои афзунша-вандаи Равен» (Ҷ. Равен)<br>Тести «Душво- |

| | | |
|---|---|---|
| | - қобилияти мушоҳида намудани рушди мураккаби сифатӣ ва миқдории қаторҳо. Шакли олии абстраксия ва таркиби (синтези) динамикӣ.<br>- қобилияти зимни таҳлили мазмуннок ошкор намудани алоқаҳои генетики миёни ашёву ҳодисаҳо;<br>- қобилитяи дар фикр тартиб додани паиҳамии оптималии амалҳо, ки ба ҳалли дурусти масъала боис мегардад;<br>- қобилият ба худтаҳлилнамоӣ. | риҳои афзуншавандаи Равен» (Ҷ. Равен)<br><br>Методикаи АРП (Р. Атахонов)<br><br>Методикаи АРП (Р. Атахонов)<br><br>Методикаи АРП (Р. Атахонов) |
| Қобилиятҳои эҷодӣ (креативӣ) | - аслияти фикр (қобилияти пешниҳоди идеяҳои ғайриоддӣ, ногаҳонӣ);<br>- зуди фикр (қобилияти дар лаҳзаи муайяни вақт пешниҳод намудани идеяҳои гуногун);<br>- қобилият ба коркарди дақиқи идеяҳо;<br>- чандирии фикр (қобилияти ба осонӣ гузаштан аз як идея ба дигараш). | Методикаи шакли фигуравии Торренс (П. Торренс)<br>Методикаи шакли фигуравии Торренс (П. Торренс)<br>Методикаи шакли фигуравии Торренс (П. Торренс)<br>Методикаи шакли фигуравии Торренс (П. Торренс) |

| | | |
|---|---|---|
| Талаботи маърифатӣ | - талабот ба раванди фаъолияти фикрӣ;<br><br>- талабот ба сарбории фикрӣ;<br><br>- ҳаловат бурдан аз фаъолияти фикрӣ. | «Муайян намудани мавҷудияти талаботи маърифатӣ» (В.С. Юркевич)<br>«Муайян намудани мавҷудияти талаботи маърифатӣ» (В.С. Юркевич)<br>«Муайян намудани мавҷудияти талаботи маърифатӣ» (В.С. Юркевич). |

Дар зефасли сеюми боби мазкур **«Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои ташхиси писарбачаҳо ва духтарбачаҳо ҷиҳати ошкор сохтани хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон»** таҳлили муқоисавии натиҷаҳои ташхиси писарбачаҳо ва духтарбачаҳо ҷиҳати ошкор сохтани фарқият миёни онҳо амалӣ гардонида шуд.

Дар ҷадвали зер натиҷаи умумии ташхиси хонандагони синни наврасӣ аз рӯйи нишондиҳандаи тафаккури назариявӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 2**

**Теъдоди наврасон (%) бо дараҷаҳои гуногуни инкишофи тафаккур (аз рӯйи тести АРП)**

| № | Гурӯҳҳо | Теъд. умумӣ | Нишондиҳандаҳои инкишофи тафаккур (/%) | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Эмпирикӣ | Таҳлили назариявӣ | Банақшагирӣ | Рефлексия |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Синфи 5-ум | Писарон<br>Духтарон | 21<br>7 | 10 (45,4%)<br>2 (29%) | 11 (52,4%)<br>5(71,4%) | 6(46,1%)<br>8(61,5%) | 2 (15,4%)<br>3(23,1%) |
| Синфи 6-ум | Писарон<br>Духтарон | 15<br>11 | 7 (47%)<br>4(36,3%) | 8 (53%)<br>7(63,7%) | 9 (56,3)<br>5(38,5%) | 2 (12,5%)<br>0 (0%) |
| Синфи 7-ум | Писарон<br>Духтарон | 13<br>13 | 6(46,1%)<br>4 (31%) | 7(53,8%)<br>9(69,2%) | 6(46,1%)<br>8(61,5%) | 2 (15,4%)<br>3(23,1%) |
| Синфи 8-ум | Писарон<br>Духтарон | 16<br>13 | 5(31,2%)<br>4 (31%) | 12 (75%)<br>8(61,5%) | 9 (56,3)<br>5(38,5%) | 2 (12,5%)<br>0 (0%) |
| Синфи 9-ум | Писарон<br>Духтарон | 11<br>11 | 1 (9,1%)<br>1 (9,1%) | 10 (91%)<br>10(91%) | 3(27,3%)<br>2(18,2%) | 1 (9,1%)<br>0 (0%) |

Чуноне ки аз ҷадвали боло аён аст, вобаста ба синнусол қонунияти муайян дар рушди зинаҳои инкишофи тафаккур мушоҳида мегардад: аз синфи 5-ум то ба 9-ум теъдоди хонандагоне, ки дар зинаи эмпирикии тафаккур қарор доранд, кам гардида, теъдоди хонандагони соҳиби зинаи назариявии тафаккур меафзояд. Ин натиҷаҳо ба натиҷаҳои таҳқиқотҳои олимони ватанӣ – Р. Атахонов [16] ва Н.Қ. Амонов [11] дар мавриди рушди тафаккури

хонандагон мувофиқат мекунад ва аз он дарак медиҳад, ки тафаккур зуҳуроти статикӣ набуда, дар таҳаррук ва рушд қарор дорад.

Миёни духтарону писарон низ фарқи муайян ба назар мерасад. Чуноне, ки мебинем, дар синфҳои 5-ум ва 6-ум фоизи дутароне, ки дорои тафаккури назариявиянд, назар ба фоизи писарон бештар аст. Дар синфи 5-ум 29% духтарон соҳиби тафакккури эмпирикӣ ва 71% соҳиби тафаккури назариявиянд. Дар писарон бошад, 46, 6% соҳиби тафаккури эмпирикӣ буда, 53,4% соҳиби тафакури назариявиянд. Ин тағйирот тадриҷан кам шуда, дар синфи 9-ум тамоман аз байн меравand. Дар духтарону писарон 9% дорои тафаккупи эмпирикӣ ва 91% соҳиби тафаккури назариявӣ мегарданд. Натиҷаҳои мазкур фарзияи моро дар бораи махсусияти ҷинсӣ доштани унсурҳои лаёқати зеҳнӣ собит месозанд.

Натиҷаҳои болоро тасвири 1 низ собит месозанд. Чуноне ки аз тасвир аён аст, зинаи эмпирикии тафаккур аз синф ба синф коҳиш ёфта, тафаккури назариявӣ ва зинаҳои инкишофи он – зинаи таҳлили назариявӣ, зинаи банақшагирӣ ва зинаи рефлексия дар ҳоли рушд қарор доранд.




***Расми 1. Динамикаи инкишофи типҳои тафаккур дар давраи наврасӣ***

Чуноне, ки аз тасвир аён аст, вобаста ба синну сол теъдоди хонандагони дорои типи назариявии тафаккур меафзоянд ва мувофиқан теъдоди хонандагони соҳиби типи эмпирикии тафаккур кам мешаванд. Далели мазкур гувоҳи он аст, ки шароити муҳит, таълиму тарбия дар рушди тафаккури назариявӣ нақши ҳалкунанда доранд.

Ба ҳамин монанд, бо истифода аз методикаи «Душвориҳои афзуншавандаи» Ҷ. Равен мо қобилиятҳои ақлии хонандагони синфҳои 5 то 9-ро мавриди ташхис қарор додем (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3**

**Теъдоди наврасон (%) бо дараҷаҳои гуногуни инкишофи қобилияти ақлӣ (аз рӯйи тести Равен)**

| Синф | Теъдод | Дараҷаи инкишофи қобилияти зеҳнӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Баланд | Аз миёна боло | Миёна | Аз миёна поён | Паст |
| 5 | 29 | - | 2 (6,9%) | 10 (34,5%) | 10(34,5 %) | 7(24,1% ) |
| 6 | 2 | - | 31(1,5% | 5 (19,2%) | 13 | 5(19,2% |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 6 | | ) | | (50%) | ) |
| 7 | 26 | - | 1 (3,8%) | 12 (46,1%) | 11(42,3 %) | 1 (3,8%) |
| 8 | 26 | - | 1 (3,8%) | 14 (54%) | 7 (27%) | 4 (3,8%) |
| 9 | 22 | - | 10 (45,4) | 10 (45,4) | 1 (4,5) | 1 (4,5) |
| Ни-шон-диҳан-даи умумӣ | 129 | - | 17 (13,2%) | 51 (39,5%) | 42 (32,5%) | 9 (15%) |
| Балли миё-на (%) | | 0% | 3,4% | 10,2% | 8,4% | 3,8% |

Дар расми зерин динамика (таҳаррукот)-и дараҷаҳои гуногуни қобилияти зеҳнӣ дар хонандагони синни миёнаи мактабӣ таҷассум ёфтааст.




***Расми 2. Динамикаи рушди қобилиятҳои зеҳнӣ дар давраи наврасӣ***

Чуноне ки аз тасвир аён аст, теъдоди хонандагони дорои дараҷаи пасти қобилиятҳои зеҳнӣ дар синфҳои поёнӣ

зиёд буда, дар синфҳои болоӣ тадриҷан кам мегардад. Теъдоди хонандагони дараҷаи рушди қобилиятҳои зеҳниашон аз миёна боло, баръакс, аз синфҳои поёнӣ ба снфҳои болоӣ меафзоянд. Чун дар мисоли боло, зуҳуроти мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки қобилиятҳои зеҳнӣ хусусияти статикӣ (беҳаракат) надошта, бо синну сол ва зиёд шудани таҷрибаи маърифатии шахс рушд мекунанд. Мутаассифона, тасвири боло гувоҳи он аст, ки ягон нафар хонанда дар зинаи баланди рушди қобилиятҳои зеҳнӣ қарор надорад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мо ҷиҳати ошкор намудани хусусиятҳои гендерии зуҳуроти лаёқати зеҳнӣ аз рӯйи нишондиҳандаи креативнокӣ (эҷодкорӣ) – зудии фикр, мустақилият, коркарди фикр ва чандирии фикр нишон дод, ки миёни духтарон ва писарон фарқи аз лиҳози оморӣ муҳим ба назар намерасад. Барои мисол натиҷаҳои хонандагони синфҳои панҷум ва шашумро меорем (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 4**

**Тақсимоти хонандагони синфҳои панҷум ва шашум аз рӯйи нишондиҳандаҳои қобилиятҳои эҷодӣ (креативнокӣ) аз рӯйи аломатҳои гендерӣ**

| № | Гурӯҳ ҳо | Теъ. уму- мӣ. | Нишондиҳандаҳо (%) | | | | | Ме ъёр ҳо | P |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Ба- ланд | Аз миё- на боло | Меъ- ёр | Аз миё- на поин | Паст | | |
| Синфи | Писа- рон | 21 | -(0%) | 13(38 ,5%) | 5(38, 5%) | 4(15, 4%) | -(0%) | Аслият | 0, 32 1 |
| | Дух- та-рон | 7 | 1(7,7 %) | 2(23, 1%) | 4(46, 1%) | -(0%) | -(0%) | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Писарон<br>Духтарон | 21<br>7 | -(0%)<br>1(31%) | 11(7,7%)<br>2(15,4%) | 7 (54)<br>4(31%) | 3(23,1%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | Коркард | 0,249 |
| | Писарон<br>Духтарон | 21<br>7 | -(0%)<br>-(0%) | 15 (54)<br>5(38,5%) | 5(38,5%)<br>8(61,5%) | 1(12%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | Чандирӣ | 0,189 |
| | Писарон<br>Духтарон | 21<br>7 | 13(100%)<br>11(84,6%) | -(0%)<br>2(15,4%) | -(0%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | Зудӣ | 1,000 |
| Синфи шашум | Писарон<br>Духтарон | 16<br>13 | -(0%)<br>1(7,1%) | 9(60%)<br>7(50%) | 6(40%)<br>5(38,5%) | 2(12,5%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | Аслият | 0,259 |
| | Писарон<br>Духтарон | 16<br>13 | -(0%)<br>-(0%) | 5(33,3%)<br>2(14,3%) | 6(40%)<br>8(57,1%) | 5(33,3%)<br>3(23,1%) | -(0%)<br>-(0%) | Коркард | 0,09 |
| | Писарон<br>Духтарон | 16<br>13 | -(0%)<br>-(0%) | 7(47%)<br>5(36%) | 9(60%)<br>8(57,1%) | -(0%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | Чандирӣ | 0,721 |
| | Писарон<br>Духтарон | 16<br>13 | 11(73,3%)<br>11(78,6%) | 5(31,2%)<br>2(15,4%) | -(0%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | Зудӣ | 1,000 |

Мувофиқи таҳқиқоти соҳаи лаёқати зеҳнӣ ҷузъи муҳимму таркибии он қобилиятҳои зеҳнӣ (интеллектуалӣ) ба шумор меравconfigure. Бо мақсади муайян намудани фарқиятҳои гендерӣ дар зуҳуроти қобилиятҳои зеҳнӣ мо аз

тести «Душвориҳои афзуншавандаи Равен» истифода намудем. Тести мазкур барои ташхиси ҷузъи ғайришифоҳии қобилиятҳои зеҳнӣ пешбинӣ гардидааст. Барои мисол натиҷаи кори ташхисиро дар самти муайян сохтани фарқи гендерӣ дар хонандагони синфҳои 5-ум ва 6-ум аз рӯйи қобилиятҳои зеҳнӣ меорем (ҷадвали 4) дар ҷадвалҳои зерин инъикос ёфтаанд.

**Ҷадвали 5**

**Тақсимоти хонандагони синфҳои панҷум ва шашум аз рӯйи нишондиҳандаҳои қобилиятҳои зеҳнӣ аз рӯйи аломатҳои гендерӣ**

| № | Гурӯҳҳо | Теъ умумӣ | Нишондиҳандаҳо (%) | | | | | Меъёрҳо | P |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Баланд | Аз миёна боло | Меъёр | Аз миёна поин | Паст | | |
| Синфи панҷум | Писарон | 21 | - (0%) | 5(38,5%) | 5(38,5%) | 2(15,4%) | - (0%) | A | 0,295 |
| | Духтарон | 7 | 1(7,7%) | 3(23,1%) | 6(46,1%) | -(0%) | - (0%) | | |
| | Писарон | 21 | - (0%) | 1(7,7%) | 7 (54) | 3(23,1%) | - (0%) | B | 0,457 |
| | Духтарон | 7 | 4(31%) | 2(15,4%) | 4(31%) | 3(23,1%) | - (0%) | | |
| | Писарон | 21 | - (0%) | 7 (54) | 5(38,5%) | - (0%) | - (0%) | C | 0,301 |
| | Духтарон | 7 | - (0%) | 5(38,5%) | 8(61,5%) | - (0%) | - (0%) | | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Писарон<br>Духтарон | 21<br>7 | 13(100%)<br>11(84,6%) | -(0%)<br>2(15,4%) | -(0%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | D | 1,684 |
| | Писарон<br>Духтарон | 21<br>7 | 13(100%)<br>11(84,6%) | -(0%)<br>2(15,4%) | -(0%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | E | 0,487 |
| Синфи шашум | Писарон<br>Духтарон | 16<br>13 | -(0%)<br>1(7,1%) | 9(60%)<br>7(50%) | 6(40%)<br>5(38,5%) | 2(12,5%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | A | 0,574 |
| | Писарон<br>Духтарон | 16<br>13 | -(0%)<br>-(0%) | 5(33,3%)<br>2(14,3%) | 6(40%)<br>8(57,1%) | 5(33,3%)<br>3(23,1%) | -(0%)<br>-(0%) | B | 0,474 |
| | Писарон<br>Духтарон | 16<br>13 | -(0%)<br>-(0%) | 7(47%)<br>5(36%) | 9(60%)<br>8(57,1%) | -(0%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | C | 0,041 |
| | Писарон<br>Духтарон | 16<br>13 | 11(73,3%)<br>11(78,6%) | 5(31,2%)<br>2(15,4%) | -(0%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | D | 1,330 |
| | Писарон<br>Духтарон | 16<br>13 | 13(100%)<br>11(84,6%) | -(0%)<br>2(15,4%) | -(0%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | -(0%)<br>-(0%) | E | 0,198 |

Чуноне, ки аз ҷадвали 4 бармеояд, дар синфҳои панҷум ва шашум миёни хонандагони духтар ва писар аз рӯйи нишондиҳандаи қобилиятҳои зеҳнӣ фарқи аз лиҳози оморӣ муҳим ба назар намерасад. Яъне қимати Р дар ҳамаи нишондиҳандаҳо аз рӯйи 5 субтест аз 0,05 зиёдтар аст.

Як қатор муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки зинаҳои инкишофи тафаккур метавонанд ба сифати нишондҳандаҳи қобилиятҳои зеҳнӣ бароммад кунанд (Амонов Н.Қ., Атахонов Р., Богоявленская Д.Б. ва диг.). Бо дарназардошти ин, мо тасмим гирифтем бо истифодаи аз методикаи АРП, ки аз ҷониби психологи тоҷик Р. Атахонов таҳия гаштааст, хонандагони синни миёнаи мактабиро мавриди ташхис қарор дода, хусусиятҳои синнусолӣ ва гендерии инкишофи типҳои тафаккури онҳоро муайян созем. Методикаи АРП ба мо имконият медиҳад зинаҳои инкишофи тафаккур – эмпирикӣ, таҳлили назариявӣ, банақшагирӣ ва рефлексияро ташхис намоем. Дар ҷадвали 7 натиҷаҳои хонандагони синфҳо 5-9-ум аз рӯйи методикаи АРП оварда шудаанд.

**Ҷадвали 6**

